Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Сафаров Холмад Хоркашович дар мавзӯи «Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология.**

Рисолаи тақризшавандаи унвончӯ Сафаров Х.Х. ба яке аз масъалаҳои муҳими мардумшиносӣ, таърих ва маданияти мардуми Роғ бахшида шудааст.

Ҳунарҳои мардумӣ яке аз чузъҳои фарҳангу тамаддуни тоҷикон ба шумор меравад. Вақтҳои охир бисёр аз намудҳои таъриху маданияти анъанавии мардуми кишвар аз байн рафта истодаанд. Аз ин ҷиҳат аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2018-2021 эълон шудани солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ айни муддаост. Рисолаи номзадии Сафаров Х.Х. низ ба ҳамин масъала, яъне таъриху маданияти мардуми Роғ бахшида шудааст.

Роғ яке аз ноҳияҳои вилояти Бадахшон буда, дорои таърих ва фарҳанги ба худ хос мебошад ва бо таъриху фарҳанги минтақаҳои ҳамсоя зич алоқаманд аст. Вале таъриху фарҳанги ин гӯшаи мулки тоҷикон ҳаматарафа омӯхта нашудааст. Аз ин ҷиҳат рисолаи Сафаров Х.Х. барои мардумшиносии тоҷик аҳамияти хосро доро мебошад.

Муаллиф дар асоси сарчашмаҳо ва асарҳои сершумор, сӯҳбатҳо бо роғиҳои сокини минтақаи Кӯлоб як рисолаи комилро пешниҳод кардааст.

Предмети таҳқиқот-омӯзиши таърих ва ҷуғрофия, сохтори маъмурӣ, маданияти кишоварзӣ, ҳунармандӣ, хӯрокпазӣ, ҷашну

маросимҳо ва бозиҳои мардумӣ дар асри XIX ва аввали асри XX мебошад.

Навоварии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф бори нахуст дар заминаи таҳлили доираи васеи омӯзиши сарчашмаҳои хаттӣ, бадеӣ, таълифоти олимони давраҳои гуногун таърихи мардуми Роғ, маданияти анъанавии онро нишон додааст.

Рисола аз муқаддима, панҷ боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯихати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи рисола асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, услуб ва усули коркарди мавзӯъ мушаххас гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола, манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот муайян гардидаанд.

Боби аввал **«Ҷуғрофияи таърихӣ ва сохтори маъмурии Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX»** аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якум **«Роғи Бадахшон»** дар асоси шарҳи умумии дастовардҳои муаллифони гуногун таъкид мегардад, ки Роғи Бадахшон яке аз марказҳои асосии пайдоиши дини Зардуштия ба шумор меравад. Дар зербоби мазкур муаллиф дар бораи мавқеи ҷойгиршавии Роғи Бадахшон, шароити табиӣ, кӯҳҳо ва дарёҳои он, деҳаҳо, шумораи аҳоли таваққуф менамояд.

Зербоби дуюм **«Роғиҳои минтақаи Кӯлоб»** ба таъриху фарҳанги ин мардум бахшида шудааст.

Боби дуюм **«Кишоварзӣ дар Роғ дар асрҳои XIX- нимаи аввали асри XX»** аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якум **«Маълумоти умумӣ дар бораи кишоварзии Роғ»** ба масъалаи анъанаҳои кишоварзӣ дар шароити кӯҳистон бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки мутобиқи пажуҳишҳои олимон машғулияти асосии мардуми Роғ чорводорӣ, зироаткорӣ, боғдорӣ ва обчакорӣ ба ҳисоб мерафт. Роғиҳо гандум, ҷав, нахӯд, арзан, тут, зардолу ва ғайра парвариш мекардаанд. Василаи асосии обёри кардани заминҳо кандани ҷӯйҳо ва корезҳо буд.

Дар зербоби дуюм **«Тайёрӣ ба мавсими киштукор»** маводҳо оид ба тағйирёбии шакли киштукори баҳорӣ ва тирамоҳӣ, аз рӯи олоти нави кишоварзӣ вобастабуда оварда шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки баробари фаро расидани Наврӯз 21-22 март, мавсими киштукор оғоз меёбад, вале дар қисман ҷойҳои кӯҳистони Роғ мавсими киштукор аз сабаби сербарф будан дертар оғоз меёбад. Дар ин зербоб муаллиф дувоздаҳ марҳалаи аз шудгори замин то ҷамъовари намудани ҳосилро нишон додааст.

Дар ин зербор инчунин роҷеъ ба шаклҳои заминдорӣ, намудҳои андоз аз замин маълумот дода шудааст. Муаллиф инчунин ба олоти меҳнати кишоварзон таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Ӯ қайд менамояд ки олоти кишоварзӣ нисбатан оддӣ ва анъанавӣ будааст.

Боби сеюм **«Ҳунармандӣ ва тиҷорат»** аз ду зербоб иборат буда, ба масъалаҳои ҳунармандӣ бахшида шудааст. Дар зербоби аввал **«Ҳунармандӣ. Рушди шаклҳои гуногуни ҳунармандӣ»** муаллиф доир ба намудҳои гуногуни ҳунармандӣ маълумот медиҳад. Бояд қайд намуд, ки дар Роғи охири асри XIX ва ибтидои асри XX вобаста ба шароити табии ва талаботи ҳаррӯзаи мардум соҳаҳои мухталифи ҳунармандӣ, аз қабили бофандагӣ (алочабофӣ, карбосбофӣ, ҷуроббофӣ, читгарӣ), чармгарӣ, намадмолӣ, элаксозӣ, сабадбофӣ, собунпазӣ, кулолгарӣ, қолинбофӣ, кордгарӣ, оҳангарӣ ва ғайра рушд карда буданд. Дар рисола дар бораи намудҳои хунармандии дар Роғ вуҷуд дошта маълумоти мӯътамад оварда шудааст. Муаллиф ҳамаи намудҳои ҳунармандиро ба чаҳор гуруҳ – бофандагӣ, кулолгарӣ, оҳангарӣ ва дуредгарӣ тақсим намудааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар ин давра ҳунармандӣ натанҳо дар байни мардон, балки дар байни занҳо низ паҳн гардида буд.

Дар зербоби дуюм **«Тиҷорат. Ривоҷи тиҷорати дохилӣ ва берунмарзӣ»** муаллиф қайд менамояд, ки дар асри XIX ва ибтидои асри XX тиҷорат дар ноҳияи Роғ натанҳо дар бозорҳои дохилӣ, балки дар ноҳияҳои атроф васеъ паҳн гардида буд. Сокинони Роғ бо Файзободу Яфтал ва Шаҳри Бузург ғалла, зағир, меваҷоту зарфҳои сафоли содир

мекарданд. Тоҷирони дигар минтақаҳо бошанд, ба ноҳияи Роғ тавассути Файзобод молҳои бухороӣ ва русиро ворид менамуданд.

Боби чаҳорум **«Хӯрокҳои анъанавии Роғ»** аз ду зербоб иборат буда, пурра ба намудҳои хӯрокҳо бахшида шудаанд. Дар зербоби якум **«Намудҳои ғизоҳои ордӣ»** муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар асри ХIХ ва ибтидои асри ХХ анъанаи хӯрокпазии кадбонуҳои Роғ ҷиҳатҳои ба худ хос дошт. Онҳо дар тӯли даҳсолаҳо ин анъанаи худро нигоҳ доштаанд. Бештари ғизоҳои сокинони Роғ вобаста ба шароити кӯҳистон аз маҳсулоти маҳаллии кишоварзӣ омода карда мешуданд. Маъмултарин ва серистеъмолтарин намудҳои гуногуни нон, нони гандумӣ буд. Муаллиф дар рисола оиди 15 намуди он, ба монанди чапотӣ, нони ғафсак, намудҳои гунгогуни фатир, кулча, товагӣ, қалама ё таҳмол ва ғайра маълумот гирд овардааст. Сокинони Роғ натанҳо аз орди гандум, балки аз орди ҷав, нахӯд, ҷуворӣ, арзан низ намудҳои гуногуни нонро мепӯхтанд.

Зербоби дуюм **«Намудҳои хӯрок»** дар асоси манбаъҳои хаттӣ, мардумшиносӣ мураттаб карда шудааст. Хӯрокҳои тоҷикони Роғ хеле гуногун буда, ба хамири (умоч, оши бурида, туппа ва ғ.), донагӣ (далда, дангича, шавла, палав, нахӯдшӯрбо, наскотала ва ғ.), шири (ширчой, ширбиринҷ, курутоб, дӯғравған, ширкаду) ва гӯштӣ тақсим мешуданд. Дар рисола муаалиф дар бораи ҳар яки онҳо маълумоти муфассал додааст.

Боби панҷум **«Анъана ва маросимҳои миллӣ»** аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум **«Ҷашну маросимҳо»** оиди ҷашну маросимҳои марбут ба фаслҳои сол: бориши барфи нахустин, фарорасии соли нав, (Наврӯз, гулгардонӣ), даъват намудани борон (сусхотун, ашаглон) ва ҷашнҳои оилавӣ аз таваллуди кӯдак (гаҳворабандон), хатнасур, то тӯи арӯсӣ таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Ба ақидаи муаллиф муҳимтарин ҷашни оилави тӯи арӯсӣ ба шумор мерафт, ки аз 16 марҳала иборат буд:

(интихоби арӯс, хостгорӣ, фотеҳа, шаби тӯй, никоҳ, ба хонаи шаҳ бурдани арӯс ва ғ.).

Зербоби дуюм- **«Варзиш»** ба намудҳои гуногуни бозиҳои мардумӣ башида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар байни сокинони Роғ намудҳои гуногуни бозиҳои мардумӣ маъмул буданд ва онҳо ҷиҳатҳои махсуси худро доштанд. Дар рисола дар бораи бозиҳои гуногуни кӯдакона, ба монанди, рустшавакон, алазод, тути кал, кечбозӣ, бучилбозӣ, чиликбозӣ, тухмбозӣ дар байни калонсолон бошад, бештар бузкашӣ, аспдавонӣ, гӯштингирӣ маъмул буд, ки маълумоти саҳеҳ оварда шудааст.

Дар хулоса муаллиф тамоми фикрҳои худро ҷамъбаст намуда, қайд менамояд, ки фарҳангҳои минтақавӣ нишонаҳои ба худ хосро дороанд.

Имрӯз Роғ яке аз ноҳияҳои Бадахшон буда, таърих ва фарҳанги хеле қадима дорад ва таъриху фарҳанги вай бо таъриху фарҳанги минтақаҳои ҳамҷавор робитаи ногусастани дорад.

Дар рисола баробаи муваффақиятҳо як қатор камбудиҳо ба назар мерасанд.

Якум, номи мавзӯъ чандон ба мазмуни рисола халал ворид намекунад. Вале аз сабаби он ки рисола соф мардумшиносист, хуб мебуд агар вай «Маданияти анъанавии мардуми Роғ дар асри XIX аввали асри XX» номида мешуд.

Дуюм, дар боби дуюм муаллиф ишора мекунад, ки машғулияти асосии сокинони Роғ чорводорӣ ва кишоварзӣ буд, аммо дар бораи чорводорӣ, маълумот кам оварда шудааст. Хуб мебуд, агар бобҳои дуюм ва сеюмро як боб намуда, ба чорводорӣ зербоби алоҳида ҷудо карда мешуд.

Сеюм, дар боби чаҳорум сухан пурра дар бораи хӯроки роғиҳо меравад. Хуб мебуд, агар боби мазкурро «Маданияти моддии сокинони Роғ» номгузорӣ карда, аз ҳисоби ихтисор намудани боби мазкур ду зербоби дигар, истоқоматгоҳ ва либос илова карда мешуданд.

Чаҳорум, аз боби панҷум оила ва муносибатҳои оилавиро дар боби алоҳида ҷудо карда, як зербоби дигар «Мотам ва маросими дафн» илова карда мешуд.

Панҷум, дар боби панҷум оиди дину оини мардуми Роғ чизе гуфта нашудааст. Хуб мебуд агар ба боби панҷум «Маданияти маънавии тоҷикони Роғ» номгузорӣ намуда, дар бораи дини мардуми ин диёр маълумот дода мешуд.

Шашум, дар рисола баъзе хатогиҳои услубӣ, имлоӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд.

Қайд намудан зарур аст, ки камбудиҳои номбурда ислоҳ шавандаанд ва ба мазмуну арзиши рисола таъсир расонида наметавонанд. Ба фикри мо рисолаи унвонҷӯъ пурра ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Автореферат ба рисола пурра мувофиқат менамояд.

Муқарризи расмӣ д.и.таърих, дотсенти
кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон А.Валиев

«Имзои Валиев А.-ро тасдиқ менамоям»
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон, н.и.ҳуқуқ Давлатов Х.Ҳ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон
Тел.: +992908815331; E-mail: bgafforov@ mail.ru